# НАМУНАИ
## саволу масъалаҳои тест аз фанни забони давлатӣ барои олимпиадаи фаннии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

РОИГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

**1** **Дар кадоме аз калимаҳои ишорашудаи байтҳо ва ҷумлаи зерин ҳангоми талаффуз ҳодисаи фонетикии *монандшавии овозҳо* мушоҳида мешавад?**

**A)** Ҳамон гелмардум чу шери яла,
Або тавқи заррину мушкин **<u>кула</u>** ... Абулқосими Фирдавсӣ

**B)** Ки дар бӯстонаш ҳамеша гул аст,
Ба кӯҳ андарун лолаву **<u>сунбул</u>** аст. Абулқосими Фирдавсӣ

**C)** Пас онгаҳ бидод ӯ бад-он чорагар,
Яке **<u>дастҷома</u>** бар он муждабар. Абулқосими Фирдавсӣ

**D)** Навозанда гуфт: Эй ёри ҳамдам, ки **<u>машаққат</u>**и сафар накашида ва меҳнати ғурбат надидаӣ ... Аз “Дурдонаҳои наср”

**2** **Дар байти зерин калимаҳои ҳамгуни *<u>мо</u>* ба кадом маъно истифода шудаанд?**

***Зи таҳти ӯ гузари <u>мо</u> зи фавқи ӯ гузарем,***
***Аз ин сабаб шуда таърихи ӯ гузаргаҳи <u>мо</u>.*** Абдурраҳмони Мушфиқӣ

**A)** ҳар ду калима ба маънои об истифода шудаанд.

**B)** ҳар ду калима ҷонишини шахсиро ифода кардаанд.

**C)** ***<u>мо</u>***-и якум обро ва ***<u>мо</u>***-и дуюм ҷонишини шахсиро ифода кардааст.

**D)** ***<u>мо</u>***-и якум ҷонишини шахсӣ ва ***<u>мо</u>***-и дуюм обро ифода намудааст.

**3** **Кадом ибораи рехта маънои *таъна кардани касе*-ро дорад?**

**A)** Касеро дилтанг кардан

**B)** Санг ба шишаи касе задан

**C)** Касеро дилхунук кардан

**D)** Димор аз рӯзгори касе баровардан

**4** **Кадом навъи калимаҳо дар қолаби “пешванд + реша + пасванд” сохта мешаванд?**

**A)** сода

**B)** сохта

**C)** мураккаб

**D)** таркибӣ

**5** **Услуби матни зеринро муайян намоед:**

***Қисматҳои дуюму сеюми асар , ки ба қалами муаллифони гуногун навишта шудаанд, аз лиҳози забон ва сабки баён аз қисмати аввал тафовути ҷиддӣ доранд ва он содагии забон ва фасоҳату муҷазии сабки сухан, ки дар қисмати аввал мушоҳида мешавад, дар онҳо ба назар намерасад. Тафовути миёни ду қисмати охир асосан дар он аст, ки муаллифи қисмати дуюм воқеоту рӯйдодҳоро ба усули феҳристнигорӣ баён менамояд, вале тасвири ҳодисот дар қисмати сеюм ба тафсил омадааст.*** Аз “Таърихи Систон”

**A)** бадеӣ

**B)** илмӣ

**C)** расмӣ-коргузорӣ

**D)** рӯзноманигорӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj ройгон!

**6** **Дар ҷумлаи зерин кадом навъи ҷонишин истифода шудааст?**

***Шабҳо дар ҳуҷраи кадом аз шарикдарсҳоям, ки рост ояд, мехобидам.***

Садриддин Айнӣ

**A)** номуайянӣ
**B)** муштарак
**C)** таъинӣ
**D)** манфӣ

**7** **Ҷумлаеро, ки бо сиғаи амрӣ ифода ёфтааст, муайян намоед:**

**A)** Мабодо ягон андешаи бад ба майнаи инҳо наёмада бошад? Ҳаким Карим
**B)** Мунаваршоҳ ба ин сӯ кема меронд. Фазлиддин Муҳаммадиев
**C)** Пироҳани зиёда зи қомат буриданист. “Ҷомеъулҳикоёт”
**D)** Акнун камтар арзи моро шунавед. Ҷалол Икромӣ

**8** **Муайян намоед, ки пешоянди ишорашуда чӣ гуна тобиши маъноиро ифода намудааст:**

***<u>Барои</u> дӯстон ҷонро фидо кун,***
***Валекин дӯст аз душман ҷудо кун.*** Самандари Тирмизӣ

**A)** сабаб
**B)** мақсад
**C)** таъинот
**D)** ҳолат

**9** **Дар калимаҳои додашуда вазифаи ҳарфи *ӣ*-ро муайян намоед:**

**A)** мегузарӣ
**B)** санҷидаӣ
**C)** шикорӣ
**D)** пагоҳӣ

**1)** пасванди сифатсоз
**2)** пасванди зарфсоз
**3)** пасванди исмсоз
**4)** бандаки хабарӣ
**5)** бандаки феълӣ

**10** **Маънои таъбирҳоро муайян намоед:**

**A)** ба касе даҳон нарасондан
**B)** ба чизе даҳон нарафтан
**C)** даҳони касеро нахӯрондан
**D)** даҳони касеро поидан

**1)** ба гуфтани чизе ҷуръат накардан
**2)** касеро ба гуфтани чизе водор накардан
**3)** касеро коҳиш, танқид накардан
**4)** чизеро ҳаргиз номбар накардан
**5)** мунтазири сухани касе шудан

**11** **Таҳлили синтаксисӣ. Аъзои ҷумларо муайян намоед:**

***Ӯро модарам дар рӯйи ҳавлӣ пешвоз гирифт.*** Ҳаким Карим

**A)** ӯро
**B)** модарам
**C)** дар рӯйи ҳавлӣ
**D)** пешвоз гирифт

**1)** ҳол
**2)** хабар
**3)** мубтадо
**4)** пуркунанда
**5)** муайянкунанда

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**12** **Муайян кунед, ки Абулқосими Фирдавсӣ дар байтҳои зерин ба кадом масъалаҳо ишорат кардааст:**

**A)** Набошад касе дар ҷаҳон пойдор,
Ҳама номи некӯ бувад ёдгор.

**B)** Нигар, то чӣ корӣ, ҳамон бидравӣ,
Сухан ҳар чӣ гӯӣ, ҳамон бишнавӣ.

**C)** Ба анбарфурӯшон агар бигзарӣ,
Шавад ҷомаи ту ҳама анбарӣ.

**D)** Ниёгони мо номдорон буданд,
Ба даҳр-андарун тоҷдорон буданд.

**1)** Ҳар амале аксуламали муносиби худро дорад.

**2)** Тафаккури ту аз ҳамнишинонат хеле вобаста аст.

**3)** Гузаштагонамон афроди бузург буданд, бояд пайрави шоистаи онҳо бошем.

**4)** Барои анҷоми ҳар коре бояд аввал бо бузургон машварат кунӣ.

**5)** Ба ҷуз номи хуб чизе дар олам боқӣ намемонад.

**13** **Аз ибораи "*боғи дилкушо*" ҳамсадоҳои *б, ғ, л,* ва *ш*-ро таҳлили фонетикӣ намоед.**

**Ҷавоб:** б - ____________________

ғ- ____________________

л- ____________________

ш- ____________________

(!) Ба ҳар ҷавоби дуруст 0,5 хол дода мешавад.

**14** **Дар ҷумлаи зерин калимаҳои ишорашуда кадом шакли замони феълро ифода намудаанд?**

***Писараш подаро ба чарогоҳ <u>ронда истодааст.</u>*** Раҳим Ҷалил

**Ҷавоб:** ____________________

(!) Ба ҷавоби дуруст 2 хол дода мешавад.

**15** **Аз иборaҳои додашуда ҳамаи ибораҳои ҷонишиниро ҷудо намуда, дар поён нависед:**

***Аз боло даҳум, ҳар кадоми бачагон, каме сонитар, гӯсфанд ҷаронидан, ҳамаи донишҷӯён, ҷомаи дароз, кадоми нишастагон, он ҳама гапҳо, дар баҳорон сабз, зимистони сербарф, ҷавони ботарбия, аз гул нозук.***

**Ҷавоб:** ____________________

(!) Ба ҳар ҷавоби дуруст 0,5 хол дода мешавад.

**16** **Ҷумлаи додашуда ба кадом навъи ҷумлаҳои сода тааллуқ дорад?**

***Ба зудию чолокӣ худро ба канор кашидан даркор буд.*** Сотим Улуғзода

**Ҷавоб:** ____________________

(!) Шумораи имконпазири бештари хол – 2. Ба ҷавоби нопурра 1 хол ва ба ҷавоби пурра 2 хол дода мешавад.

**17** **Мубтадои ҷумлаи додашударо муайян намуда дар поён нависед:**

***Нобуд шудани китоб барои ман аз ғорат шудани ҳамаи чизҳои дигарамон аламноктар буд.*** Сотим Улуғзода

**Ҷавоб:** ____________________

(!) Ба ҷавоби дуруст 2 хол дода мешавад.

РОЙГОН! Дарсомонаи www.ntc.tj

**18** **Навъи ҷумлаи содаро муайян намоед:**

***Ин тарафи корро ҳам фикр кардан даркор.*** Ҷалол Икромӣ

**Ҷавоб:** ______________________________

(!) Ба ҷавоби нопурра 1 хол ва ба ҷавоби пурра 2 хол дода мешавад.

**19** **Навъи ҷумлаи мураккабро муайян намоед:**

***Дар вақте ки Эргаш барои роҳ кушодан ба худ бо дами дос дастаҳои хори дар лаби кӯра бударо ба як тараф мекашид, дастаи хоре ғелида ба даруни кӯра афтод ва гӯсфандон , гӯё ки гург худро ба болои онҳо партофта бошад, сахт рамида аз ҷойҳояшон ҷаста хеста патарросзанон ба тарафи дигари кӯра гурехтанд.*** Садриддин Айнӣ

**Ҷавоб:** ______________________________

(!) Ба ҷавоби нопурра 1 хол ва ба ҷавоби пурра 2 хол дода мешавад.

**20** **Байтҳои зерин эпиграфи кадом асари устод Садриддин Айнист?**

***Ин хона зи хишти куҳна андохтаам,***
***Дар вай ҷашне зи рафтагон сохтаам.***
***То аҳли замони мо бидонанд, ки ман***
***Як умри ҷавонӣ ба чӣ раҳ бохтаам.***

**Ҷавоб:** ______________________________

(!) Ба ҷавоби дуруст 2 хол дода мешавад.

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

## ЛУҒАТ

**Супориш:** маънои калимаҳои ишорашуда дар намунаҳоро нависед.

| № | Байт ва ҷумлаҳо | Маънои калима |
|---|---|---|
| 1 | Зи ***хилқат*** чун маро ин гуна ҳол аст,<br>Бадал дар хилқати мардум маҳол аст.<br>Хусрави Деҳлавӣ | |
| 2 | Ҷиҳати тадовӣ қадре **набиз** бихӯрд.<br>Муҳаммад Авфӣ | |
| 3 | Чун сар нафарозему ***тафохур*** нанамоем?<br>Шаъну шарафи оламиён шуд Ватани мо.<br>Абулқосим Лоҳутӣ | |
| 4 | Ҳар куҷо азми ту шуд ҷунбон ба фатҳе,<br>Бар сари раҳ **нусрат** андар интизорат.<br>Анварии Абевардӣ | |
| 5 | Бар ин равоқи забарҷад навиштаанд ба зар,<br>Ки ҷуз накуии аҳли ***карам*** нахоҳад монд.<br>Ҳофизи Шерозӣ | |
| 6 | Ман ошиқи ту, валек Маҷнун нашавам,<br>Аз халқ ҷудо ба дашту ***ҳомун*** нашавам.<br>Ҳабиб Юсуфӣ | |
| 7 | Омад бари ман. Кӣ? Ёр! Кай? Вақти саҳар!<br>Тарсанда зи кӣ? Зи ***хасм***! Хасмаш кӣ? Падар!<br>Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ | |
| 8 | Яке паҳлавон буд деҳқоннажод,<br>Далеру бузургу хирадманду **род**.<br>Абулқосими Фирдавсӣ | |
| 9 | Душмании гургу ***шубон*** мустағнӣ аз баён аст.<br>Абдурраҳмони Ҷомӣ | |
| 10 | Чунон ***додгар*** буд, к-аз доди хеш,<br>Думи гургро баста бар пои меш.<br>Низомии Ганҷавӣ | |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!